**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Манучеҳри Нозимии Раҷабзода хатмкунандаи Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур буда, магистратураи донишгоҳи мазкурро соли 2016 аз рӯи ихтисоси «Ҳисоби бухгалтерӣ ва аудит» хатм кардааст. Пас аз хатми донишгоҳ аз соли 2016 докторантии кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити донишгоҳи мазкур аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси 6D050800-баҳисобгирӣ ва аудит мебошад. Дар ин давра дар якчанд конфренсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Аз соли 2016 сар карда Нозимӣ М.Р. бо таҳқиқоти масоили рушди низоми баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ машгул мебошад.

Дар ҷараёни таҳсил дар докторантура Нозимӣ М.Р. мунтаззам бо иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул буд, вобаста ба мавзӯи диссертатсия зиёда аз 8 корҳои илмии чопшуда дорад, ки аз он 5-тояш дар маҷаллаҳои тақризшаванда Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

Муаллиф мавзӯи диссертатсияро мустақилона интихоб намуда, аз ҷиҳати илмӣ муҳимияти онро асоснок намудааст. Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқот ва ҳал намудани вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд, корҳои илмии назариявии муҳаққиқон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои амалиро ба таври васеъ истифода будааст.

Дар давраи кунунӣ дастнависи диссертатсия се бобро ташкил медиҳад, ки дар боби якум, асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили

баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ баррасӣ гардида, таъсири хусусиятҳои технологӣ-соҳавии парандапарварӣ ба ташкили баҳисобгирӣ ошкор карда шуда, мукамалгардонии консептсияи умумии он пешниҳод карда шудааст, инчунин ҷойгоҳи назорати дохилӣ дар низоми менеҷменти конхонаи парандапарварӣ таҳқиқ карда шуда, усулҳои ташаккул, таснифот ва баҳодиҳии дороиҳои биологӣ дида баромада шудааст. Дар боби дуюми диссертатсия ҳолати муосири ташкили баҳисобгирӣ ва арзишмуайянкунии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ марвиди омузиш ва баҳодиҳи қарор дода шуда, модели муайян кардани объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ коркард карда шуда, бо назардошти хусиятҳои ташкилӣ-технологии корхонаҳои парандапарварӣ тартиби баҳисобгирии хароҷоти тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ дар ҳисобҳои кулӣ ва ҷузъӣ асоснок карда шуда, тартиби инъикоси амалиётҳо аз рӯи марказхои масъулият нишон дода шудааст. Тартиби ҳисоби арзиши аслии махсулот аз рӯи ҳар як гурӯҳи технологӣ таҳия карда шудааст. Инчунин модели баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳогузории махсулоти асосӣ ва дуюмдараҷаи соҳаи парандапарварӣ коркард карда шудааст. Дар боби 3-юми диссертатсия роҳҳои мукамалгардонии методикаи баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ асоснок карда шуда, рушди методикаи назорати дохилӣ дар парандапарварӣ коркард шуда, буҷетикунонии ҷараёни тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ асоснок ва стандарти (низомномаи) буҷетикунонии корхона таҳия карда шудаанд.

Интиҳои мантиқии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулоса ва тавсияҳои муаллиф инъикос гардидааст, ки дар натиҷаи таҳқиқоти назариявию амалӣ ташаккул ёфтааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур фарогири масоили гуногунҷабҳаи рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ мебошад.

Ба муаллиф муясар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ-методӣ ва ташкили низоми баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарвариро илман асоснок намояд, ки аз расидан ба мақсади гудошташуда ва ҳалли вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имконят фароҳам овард, ки хулосаҳояшро асоснок кунад ва пешниҳодҳои худро вобаста ба роҳҳои такмилдиҳӣ ва рушди низоми бахисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ мухтасар баён намояд.

Диссертатсияи анҷомдодашуда таҳқиқоти мустақилона, баитмомрасида оид ба ҳаллӣ масъалаҳои назариявию ташклиии рушди низоми баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ мебошад. Доштани малакаҳои таҳлилӣ ва мантиқӣ ба унвонҷӯ имкон дод, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ корро анҷом диҳад.

Дар амалия санҷида шудани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба аҳамияти амалӣ ва имконияти истифода намудани натиҷаҳо аз тарафи корхонаҳои парандапарарӣ аз аҳамияти амалиии таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар раванди иҷроиши кор аз тарафи муаллиф маводи амалӣ, чамбаст карда шудааст, усулҳои гуногун, муқоисакунӣ, комплексӣ, таҳлилӣ, оморӣ, риёзӣ ва ҷамъбасткунии маводи оморӣ, таҳлил коррелятсионӣ ва г. истифода карда шудааст.

Ҳамин тавр, бо назардошти нақтаҳои дар боло қайд кардашуда чунин хулоса кардан мумкин аст, ки Нозимӣ М.Р. вазифахои расидан ба мақсади таҳқиқотро бомуваффақият иҷро намудааст.

Диссертатсия мантиқат баанҷомрасида, ва кори илмии мустақилона иҷрошуда буда, дорои унсурҳои навоварии илмӣ, ҷамбасти илман-асоснок кардашуда ва тавсияҳои амалии оид ба рушди низоми

баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ равона шудааст.

Сохтор, муҳтаво ва сифати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** - **Низомов С.Ф.**

Имзои Низомов С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсусӣ ДМТ** **Тавқиев Э.**
27.03.2023